**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод мегардад.**

Қобили зикр аст, ки дар адабиётшиносии замони истиқлол аз тарафи муҳаққиқон мавзуъҳои барои аҳли таҳқиқ норавшану номаънус бештар мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Таҳқиқи диссертатсионии Давлатов У.М. аз шумори чунин мавзуъҳои муҳим буда, дар муаррифии осори ёддоштии Убайд Раҷаб маводи илмии фаровон ироа менамояд. Убайд Раҷаб бо таъсир аз осори мутақаддимони адабиёти классики форсу тоҷик монанди Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ ва амсоли инҳо тавонистааст дар офаридани асарҳои ёддоштӣ муваффақ гардад.

Диссертант дар таълифи диссертатсия аз усулу равиши муқоисавӣ, таърихӣ, оморӣ истифода намуда, аз таҳқиқоти муҳаққиқони соҳибноми дохилию бурунмарзӣ, ҳамчун Э.Браун, Е.Бертелс, Ҳ.Эте, А.Э.Крупский, Э.Я.Рипка, М.Баҳор, С.Шамисо, М.Шакурӣ, Х.Мирзозода, Р.Ҳодизода, А.Абдуллоев, Н.Маъсумӣ, С.Саъдиев, С.Табаров, Х.Шарифов, Ю.Салимов, А.Раҳмонов, А.Сатторзода, Х.Шарипов, А.Насриддин, Н.Салимӣ, М.Хоҷаева, Н.А.Маҳмадаминов, Ш.Солиҳов, Н.Бозоров, Ф.Ҳусейнов, Ҳ.Боқиев, Н.Нуров ва амсоли инҳо суд ҷустааст.

Мавзуи баҳс аз муқаддима, се боб даҳ фасл, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳо иборат буда, рисоланавис бо диду назари тоза, корбурди манобеи муҳими адабиву илмӣ, муқоисаву муқобалаи назарияпардозонро оиди жанро ёддошт бо далоили муътамад мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Унвонҷӯ дар қисмати муқаддимаи диссертатсия чун анъана мувофиқи талаботи муқарраршуда роҷеъ ба аҳамият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, усулҳои таҳқиқот, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф сухан дар миён гузоштааст.

Боби якуми корро диссертант «**Жанри ёддошт ва мавқеи он дар насри муосири тоҷик**» ном ниҳода, таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷикӣ, жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик, суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷикро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муҳаққиқ дар ин боб матолиби монанди рушду инкишофи жанри ёддошт, аввалин адибоне, ки ба навиштани ин жанр пардохтаанд, жанри ёддошт аз диди муҳаққиқони мутақаддиму мутааххир ва амсоли инҳоро аз мабоҳиси меҳварии боби мазкур донистааст.

Сканировано с CamScanner

Унвончӯ боби дуюми диссертатсияашро «Убайд Раҷаб ва идомаи суннатҳои ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» номгузорӣ карда, дар боби мазкур сохтор ва мундариҷаи ёддоштҳои Убайд Раҷабро бо таваҷҷуҳ ба шавоҳид мавриди баррасӣ қарор дода, диссертант мудаққиқона сабку нигориши осори ёддоштии адибро муайян намудааст Инчунин, хотираҳои неки У.Раҷабро роҷеъ ба Садриддин Айнӣ дар китоби "Дӯш будам ҳамнишин" хело муҷазу мухтасар баён доштааст.

Боби сеюми диссертатсия бошад «**Симои аҳли адаб дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва тасвири чеҳраи муаллиф дар хотироти ҳамқаламон**» ном дошта, унвончӯ оиди симои адибони тоҷик, монанди Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Деҳотӣ, Лоиқ ва дигарон, ки ҳамнишину ҳамсуҳбати адиб будаанд, хотираҳои ҷолиб ироа намудааст, ки дар таҳқиқу рӯзгори шуарову удубои муосири тоҷик бисёр муфиданд. Ҳамчунин, бархе адибону муҳаққиқон симои Убайд Раҷабро дар осорашон хело барҷаста ҷилва додаанд, масалан, Мирсаид Миршакар ёддовар мешавад, ки Убайд барои рушду густариши адабиёти атфол хидматҳои шоистае анҷом додааст (автореферат саҳ 19).

Дастоварди илмии диссертант аз он иборат аст, ки бори нахуст дар адабиётшиносии форсу тоҷик мавзуи Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳои зикргардида дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест:

1.Дар боби аввали диссертатсия масъалаи таснифоти анвои насрро ба таври алоҳида баррасӣ намудааст ва тавре худи ӯ низ ишорат дорад, дар ин самт пажӯҳишҳои муайяне дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба анҷом расиданд. Ба назари мо хуб мешуд, ки пажӯҳишҳои дар заминаи таҳқиқи таснифоти насри классикӣ ва анъанаи ёдлоштнависӣ анҷомдодаи муҳаққиқони кишвари Ӯзбекистон низ мавриди истифода қарор мегирифтанд, арзиши диссертатсия боз ҳам меафзуд.

2.Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба навфъи кори муаллиф аст.

Навоқиси мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии фишурдаи диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Банду басти кор ба талаботи услуби илмӣ ҷавобгӯ буда, мазмуну муҳтаво фишурда ҷолиб ва мақолоти мунташирнамудаи диссертант ба мавзуъ мувофиқ мебошад.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Доктори фанҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов** **С.Х.Хӯҷақулов**

**Имзои С.Х.Хӯҷақуловротасдиқ менамоям: Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов** **З.М.Жуманиёзов**

**Суроға: Ҷумҳурии Ӯзбекистон, вилояти Самарқанд, ноҳияи Самарқанд, маҳаллаи Янги-ҳаёт-2 хонаи рақами 99**
**Сомонаи муассиса: https://www.samdu.uz/uz**
**Тел: +998915367488**
**E-mail: sirojiddinxodjaqulov1976@gmail.com**